**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади (докторӣ) илм (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295)**

Парвандаи аттестатсионии №12
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.12.2025, Протоколи №40

Барои сазовор донистани унвони илмӣ ба Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи "Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон".

Аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ санаи 14.10.2025, протоколи №34 аз тарафи шурои диссертатсионии **6D.КОА-096** назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон [734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21а], ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №171/шд, аз 25.04.2025 таъсис дода шудааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович, 26 ноябри соли 1989 дар ҷамоати деҳоти Чузии ноҳияи Ҳисор (ҳозира шаҳри Ҳисор) таваллуд шудааст. Соли 2007 ба шуъбаи рӯзонаи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси эколог хатм намудааст. Дар давоми солҳои 2013-2016 ходими илмии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии хоҷагии ҷангали Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2016 то соли 2023 котиби илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва аз соли 2023 то инҷониб дар шуъбаи технологияи инноватсионии ниҳолпарварии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон кор ва фаъолият дорад. Дар ин муддат, соли 2017 ба шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дохил шуда, онро соли 2020 хатм кардааст.

Диссертатсия дар шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, солҳои 2017-2020 иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои кишоварзӣ Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, ходими пешбари илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Гулов Саидалӣ Маъмурович - аъзои вобастаи АМИТ, доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

Хусравбекова Зартогул Гулбековна - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи хизматрасониҳои тиббӣ - осоишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар - Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кучаи У. Холдоров, 1.) дар хулосаи мусбии муассиса, ки аз тарафи муқарриз, сарходими илмии озмоишгоҳи мевапарварӣ дар шароити баландкуҳи Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академики АМИТ, доктори илмҳои кишоварзӣ Фелалиев Акрамшо Саидшоевич, омода шудааст ва дар ҷаласаи шурои олимони Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, протоколи №11 аз 04 ноябри соли 2025, баррасӣ гардида, аз тарафи котиби шурои олимон Исмоилов М.Т. имзо гардида, директори муассиса, доктори илмҳои биологӣ Абдулназарзода Абдулназар Ғоибназар тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дорои ҷамбаҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалӣ буда, аз рӯйи муҳиммият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, саҳеҳият ва асоснокунии хулосаҳо ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Унвонҷӯ Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович оид ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии эътирофнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тасдиқгардидаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

[1-М]. **Фозилов Дж.Д.** Изучение полиморфизма алычи согдийской (*prunus sogdiana* vass.) в Гиссарской долине / Дж.Д. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2016. - №1-3 (164). - С.126-129.

[2-М]. **Фозилов Дж.Д.** Перспективные формы алычи и граната в Таджикистане и их использование как исходный материал для селекции / Ҳ.Н. Назиров, С.Х. Баҳриев, Х.Х. Назиров, Дж.Д.Фозилов // Селекция и сорторазведение садовых культур России, 2020.-Т.7.№1-2. - С.113-118.

[3-М]. **Фозилов Ҷ.Д.** Хусусиятҳои биологии навъу намунаҳои коллексионии олу ва дурагаҳои он дар шароити мавзеи Данғараи вилояти Хатлон / Ҷ.Д. Фозилов // Гузоришҳои АИКТ, 2024. - №4 (82). - С.24-28.

[4-М]. **Фозилов Дж.Д.** Мучнистая роса сливы и меры борьбы с ней в условиях предгорья Хатлонской области / Дж.Д. Фозилов, М.Х. Султанова, Дж. А. Толихов // Гузоришҳои АИКТ, 2025.-№1, (83). - С.28-34.

[5-М]. **Фозилов Ҷ.Д.** Самаранокии иқтисодии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон / Ҷ.Д. Фозилов, Ҳ.Н. Назиров, Н. Камолов // Гузоришҳои АИКТ, 2025.-№4, (86). - С.42-47.

**Б) Мақолаҳо ва тезисҳо дар маҷмӯаҳои маводи конференсияҳо чоп шудаанд**

[6-М]. **Фозилов Ҷ.Д.** Хусусиятҳои агроэкологии навҳои бурунмарзии олу дар шароити водии Ҳисор / Ҷ.Д. Фозилов // Маводҳои конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ “ Саҳми олимони ҷавон дар рушди илмӣ кишоварзӣ” АИКТ, 2017. - С.115-117.

[7-М]. **Фозилов Ҷ.Д.** Аломатҳои ғайримуқаррарии узвҳои нашвӣ ва ҷинсӣ дар дарахтони мевадиҳанда / Н. Камолов, Ҷ.Д. Фозилов, Ш. Тағоев // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Аҳамияти технологияи муосир дар баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ” Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, 2017. - С.260-265.

[8-М]. **Фозилов Ҷ.Д.** Олучаи ёбоӣ ҳамчун тагпайванд барои ниҳолҳои дарахтони донакдор / Ҷ.Д. Фозилов // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Инкишофи соҳаи ҷангалпарварӣ ва бунёди чаманзор дар давраи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, 2018. - С. 229-233.

[9-М]. **Фозилов Ҷ.Д.** Рушди соҳаи боғпарварӣ дар асоси бунёди боғҳои интенсивӣ / Ҷ.Д. Фозилов, Н. Камолов // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, 2018. - С.182-185.

[10-М]. **Фозилов Ҷ.Д.** Тавсифи навъҳои интродуксионии олу ва дурагаҳои он дар шароити минтақаҳои доманакуҳии вилояти Хатлон / Ҷ.Д. Фозилов // Маводҳои конференсияи илмии ҷумҳуриявии "Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ", бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф", АИКТ, 2022. - С. 62-65.

[11-М]. **Фозилов Ҷ.Д.** Аҳамияти хушкмеваи олу ва технологияи хушконидани он / Ҷ.Д. Фозилов // Маводҳои конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ "Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ", бахшида ба солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" ва даҳсолаи байналмилалии "Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028", АИКТ, 2024. - С. 59-61.

[12-М]. **Фозилов Ҷ.Д.** Аҳамияти экологии дарахтони олу ва дурагаҳои он / Ҷ.Д. Фозилов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ дар мавзуи "Таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо ва маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ дар ҳошияи барномаи "Мамлакати сабз" барои солҳои 2023-2027 ва "Рушди боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ" солҳои 2025-2029 бо истифода аз технологияи муосири парвариш", АИКТ, 2025. - С.139-141.

[13-М]. **Фозилов Ҷ.Д.** Омӯзиши тавсифи навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон / Ҷ.Д. Фозилов, К.С. Шарипов, М.Х. Муъминова // Конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуӣ "Саҳми олимони ҷавон дар рушди илми кишоварзӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ дар истеҳсолот" бахшида ба амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" ва дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон соли 2025 эълон шудани "Соли рушди илми кишоварзӣ ва технологияи инноватсионӣ", АИКТ, 2025. - С.151-156.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Атахонова М.Д.** - номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи агрохимияи Институти хокшиносӣ ва агрохимияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. (Тақриз мусбӣ мебошад).

2. **Бобоҷонова Х.И.-** доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент, директори Маркази биотехнологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ мебошад).

3. **Бобокалонов Ф.М.** - омӯзгори калони кафедраи агротехнология ва экологияи саноат, номзади илмҳои кишоварзӣ дар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. (Тақриз мусбӣ мебошад).

4. **Бутаев М.Қ.** – номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи экологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (Тақриз мусбӣ мебошад).

5. **Кароматов Ш.Ш. -** доктори илмҳои кишоварзӣ, директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ. (Тақриз мусбӣ мебошад).

6. **Қаҳоров Қ.Ҳ. -** доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи ҳифз ва карантини растаниҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. (Тақриз мусбӣ мебошад).

7. **Намозов А.К.** - номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, омӯзгори кафедраи биология ва методикаи таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рудакӣ. (Тақриз мусбӣ мебошад).

8. **Савельева Н.Н. -** доктор биологических наук, ведущий научный сотрудник лаборатории генофонда Федеральное государственное бюджетное научное учреждение «Федеральный научный центр имени И.В. Мичурина» Министерство науки и высшего образования. (Отзыв положительный).

9. **Санаев С.** – доктор сельскохозяйственных наук, профессор, заведующий кафедрой растениеводство Самаркакандский институт агроинноваций и исследований. (Отзыв положительный).

Ҳамаи тақризҳои аз тарафи муқарризон пешниҳодшуда мусбат буда, онҳо муҳимияти мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии тадқиқоти анҷомдодашуда, асоснокии натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва ҷавобгӯ будани кори иҷрогардидаро ҳамчун диссертатсияи номзадӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ арзёбӣ намуда, пешниҳод менамоянд, ки муаллифи он Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селекция ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, дар асоси комёбиҳо ва дастовардҳои илмии онҳо

оид ба омӯзиши хусусиятҳои агроэкологии навъҳои нави интродуксионии олу, хусусан дар самти селексия, корҳои илмии чопшудаашон дар соҳаи дахлдори тадқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ, сурат гирифт.

Интихоби ташкилоти тақриздиҳанда бар он асос ёфтааст, ки он муассисаи илмӣ - тадқиқотиест, ки ба ҳалли мушкилотҳои кишоварзӣ: омӯзиш ва мутобиқгардонии навъҳои нави интродуксионии олу ва дар шароити доманакуҳию водигӣ барои истифодабарӣ дар корҳои селексионӣ, ғанӣ гардонидани фонди навъу намунаҳои дарахтони олу дар ҷумҳурӣ, афзун гардонидани истеҳсоли маҳсулоти тару тоза ва хушки он, роҳҳои ҳифзу нигоҳ доштани захираҳои генетикии навъҳои дарахтони олу мебошад. Дар соҳаи дахлдори тадқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ, сурат гирифт.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки** аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро намудани тадқиқоти илмӣ:

- **коркард карда шуд** хусусиятҳои агроэкологии навъҳои нави интродуксионии олу (тобоварӣ ба шароити табиӣ, ҳарорати обу ҳаво ва таркиби хоки минтақаи тадқиқот), мутобиқгардонии онҳо дар минтақа барои корҳои селексионӣ аҳамияти калон доранд.

Методикаҳои дар соҳаи боғдорӣ қабулшуда, имконияти ба вуҷуд овардани навъҳои нави интродуксионии олуро дар шароити ноҳияи Данғара **ошкор менамоянд,** ҳамзамон майдони боғҳои олуро аз ҳисоби навъҳои нави интродуксионии омӯхташуда, вобаста ба натиҷаҳои дадқиқ дар қитъаи таҷрибавӣ муайян карда шуд.

- **пешниҳод шудааст,** ки навъҳои нави интродуксионии олу Кабардинская ранняя, Блю фри ва Стенлей аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устувори ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳои олу бартарӣ дошта, ҳамчун навъҳои ояндадор барои парвариш дар минтақаҳои доманакуҳию водигӣ, инчунин, барои истеҳсоли маҳсулоти босифату аз ҷиҳати экологӣ тоза дар саноати хӯрокворӣ истифода гардад.

-**исбот шудааст,** ки дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон навъҳои “Кабардинская ранняя”, “Блю фри” ва “Стенлей” ҳосилнокии хуб нишон доданд, истифодабарии онҳо дар бунёди боғҳои нави олу самаранок мебошад.

- **ҷорӣ намудани** навҳои нави интродуксионии олу дар шароити қитъатаи таҷрибавӣ ба роҳ монда шуд.

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо ин асоснок карда шудааст, ки** дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ва ба истеҳсолот пешниҳод

намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати олу, инчунин баҳодиҳии онҳо вобаста аз сифати меваи тару тоза ва хушк, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ ва устувории навъҳо ба шароити агроэкологии минтақа муайян карда шуда, арзиши истеҳсолии онҳо бобати истифода намудан дар раванди корҳои селексионӣ илман исбот шудааст.

**- баён шудани** омӯзиши агроэкологӣ, интихоб ва ҷудо намудани навъҳои беҳтарини олу, барои истифодабарӣ дар истеҳсолот ва корҳои селексионӣ, ғанӣ гардонидани навъҳои олу дар ҷумҳурӣ, васеъ кардани майдони боғҳои дарахтони мевадиҳанда аз ҳисоби навъҳои нави олу.

**- ошкор гардидани** хусусиятҳои агроэкологии навъҳои нави олу, аз рӯйи ҳосилнокӣ ва самараи баланди иқтисодӣ дар асоси натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқоти илмӣ метавон истифода бурд.

**- омӯхта шуданд -** дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба гузариши мариҳилаҳои фенологӣ, хусусиятҳои биоморфологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии 8 навъи нави интродуксионии олу дар шароити агроэкологии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон муайян карда шуд. Устувории навъҳо ба касалиҳои асосии занбӯруғӣ, дараҷаи осебрасонии ҳашаротҳои зараррасон, ҳосилнокӣ, таркиби биохимиявии мева ва самарнокии иқтисодии навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити минтақа баҳогузорӣ карда шуд.

**- аз нав такмил додани** навъҳои нави интродуксионии олу бо усулҳои математикӣ ва коллератсионӣ, алоқамандии байни навъҳо вобаста ба ҳосилнокӣ дар шароити қитъаи таҷрибавӣ омӯхта шуд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи тадқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ дар амалия бо он исбот мешавад, ки** натиҷаҳои илмии таҷрибаҳои саҳроӣ ва санҷиши истеҳсолии онҳо дар омӯзиши хусусиятҳои агроэкологии олу дар майдони 4,0 гектар дар заминаи Кооперативи тиҷоратию истеҳсолии “Сомонҷон” – и ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон татбиқ карда шудааст.

**- муайян карда шуданд,** ки дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон навъҳои нави олу ҳамчун навъҳои ояндадор ва маводи аввалияи селексионӣ ба ҳисоб рафта, фонди навъҳои дарахтони мевадиҳанда, аз ҷумла олуро дар ҷумҳурӣ бой мегардонад.

**- офарида шуд** низоми амалии тавсияҳои технологияи парвариши дарахтони мевадиҳанда, аз ҷумла олу ва баланд бардоштани ҳосилнокии он аз ҳисоби навъҳои нав дар шароити доманакуҳию водигии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**- муаррифӣ карда шуд** навъҳои нави интродуксионии олу, ки дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон тадқиқотҳо гузаронида шуд,

аз байни 8 навъҳои омӯхташуда, навҳои "Кабардинская ранняя", "Блю фри" ва "Стенлей" бо нишон додани ҳосилнокии баланд ва меваи хушсифат ба истеҳсолот тавсия карда шуд.

**Барасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки барои корҳои таҷрибавӣ натиҷаҳои тадқиқот дастрас карда шуд:** натиҷаи ташкили дурусти гузаронидани таҷрибаҳо бо натиҷаҳои тадқиқотҳои олимони соҳа мувофиқат мекунад ва саҳеҳияти тадқиқот ошкор намуд, ки дар раванди тадқиқот технологияи парвариши дарахтони олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ҳосили баландро таъмин менамояд.

Назария дар баробари дастовардҳои назаррасн илмӣ дар соҳаи мевапарварӣ, масъалаҳои таъсири омилҳои агроэкологии минтақаи доманакуҳию водигӣ ва минтақабобкунии навъҳои нави олу то кунун пурра омӯхта нашудаанд. Аз ин рӯ, тадқиқотҳои илмӣ доир ба мутобиққунии навъҳои нави интродуксионии олу, ки аз ҷиҳати ҳосилнокии баланд ва истифода дар коркарди корхонаҳои саноатӣ доштанашон, дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон равона гардидааст, ки ин метавонанд ҳосили баланду босифати дарахтони олуро таъмин намояд;

**- ғоя асоснок шудааст:** дар асоси таҳлили амалияи хулосаи таҷрибаи пешқадами муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба селексия ва навъомӯзии дарахтони мевадиҳанда, аз ҷумла навъҳои олу;

**- истифода шуданд:** муқоисаи натиҷаҳои муаллифӣ ва натиҷаҳои бадастомада бо адабиётҳои пешин оид ба мавзуи диссертатсия;

**- муайян шуданд:** миқдоран ва сифатан мувофиқат кардани натиҷаҳои муаллифӣ бо манбаъҳои холис, ки аз рӯйи мавзуи мазкур оварда шуданд дар ҳолатҳое, ки ин муқоисаҳо асоснок мебошанд;

**- истифода шудаанд -** истифода бурдани усулҳои таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда доир ба хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар асоси методикаи қабулшуда, дар боғдорӣ "Программа и методика сортоизучения плодовых, ягодных и орехоплодных культур", Орёл [1999] ва муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои олу тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] ба роҳ монда шуда, иҷро шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- дар ҳама марҳилаҳои иҷрои кори диссертатсионӣ, гузаронидани тадқиқоти саҳрой ва озмоишӣ, интихоби навъҳои нави интродуксионии олу, ҷамъбасти маводҳои таҷрибаҳои саҳрой, коркарди оморӣ, татбиқи

натиҷаҳои бадастоварда муаллиф мустақилона корҳои илмӣ-тадқиқотиро иҷро намудааст;

- муқаррароти асосии назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бевосита аз тарафи муаллиф пешниҳод ва баррасӣ шудаанд;

- иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар иҷрои таҷрибаҳои саҳроӣ, мушоҳидаҳои фенологӣ, муайянкунии аломатҳои биометрӣ, коркарди дисперсионию математикии натиҷаҳо, таҳияи мақолаҳои илмӣ, матни диссертатсия ва автореферати он назаррасанд.

Дар маҷлиси 23 декабри соли 2025, Протоколи №40 шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон қарори сазовор донистани Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ қарор қабул кард. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Овоз доданд: **тарафдор 15 нафар**, муқобил **нест**, бюллетенҳои беэътибор **нест.**

Муовини Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ Нарзулоев Тош Садулоевич

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна

23.12.2025